# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ.**

Таҳсилоти томактабӣ, ки барои сармояи инсонӣ заминаи асосӣ мегузорад, ба рушди ҳаматарафа ва мукаммали кӯдак мусоидат намуда, салоҳияту малакаҳои таълимиро рушд дода, тарбияи ватандӯстӣ ва ҳисси адабию эҷодӣ ва зебоипарастиро дар онҳо ташаккул медиҳад.

Бо мақсади фароҳам овардани имконияту шароити фаро гирифтани кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи сеюм аст, ки «Барномаи рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» (аз 22 июни соли 2019, №316) қабул гардид, ки дастрасии таҳсилоти томактабиро барои кӯдакон таъмин намуда, ҷиҳати таъмини хизматрасонии амалию самарабахш дар муассисаҳои таълимии томактабӣ шароит фароҳам меорад.

Инкишофи бадеию эстетикии кӯдак ба ташаккули муносибати эстетикӣ ба муҳити атроф, рушди дарк ва фаҳмиши маънои асарҳои бадеии олами табиат замина мегузорад. Ташаккули тасаввуроти оддитарин оид ба намудҳои санъат, дарки мусиқӣ, асарҳои бадеӣ, эҷодиёти даҳонии халқ барои амалӣ намудани фаъолияти эҷодии мустақили кӯдаконмусоидат мекунанд.

Тавре муҳаққиқ қайд менамояд, Ҳукумати Тоҷикистон аз давраҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба рушди муассисаҳои томактабӣ, такмили низоми рукнҳои таълиму тарбияи миллӣ, устувор ва роҳандозӣ намудани педагогикаи мардумӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд, зеро аз шахсияти бомаърифат, таҳаммулпазир, далер, шуҷоъ, поквиҷдон, ватандӯсту ватанпарвар тақдири минбаъдаи насли оянда ва Тоҷикистони азизамон вобастагии калон дорад.

Вобаста ба ин, Ҳукумати Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлоли як силсила қарору қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ бахри беҳтару хубтар ба роҳ мондани таълиму тарбияи насли наврас, бахусус атфоли наврасида қабул кард, ки барои боз ҳам дуруст ба роҳ мондани раванди инкишофи эҷодии онҳо заминаи мусоид фароҳам меоранд. Аз он ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи таълиму

тарбияи томактабӣ» (2013), «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011), Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 (2019), Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2006), Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (2020) ва ғайра.

Дар шароити кунунӣ омухтан ва муайян кардани нақши фаъолияти тасвирӣ дар инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ аз манфиат холӣ набуда, баҳри боз ҳам беҳтару хубтар тарбия кардани онҳо заминаи мусоид фароҳам меорад. Вобаста ба фикрҳои фавқузикр, ҷиҳати баргузории таҳқиқот унвонҷӯ Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» –ро интихоб намудааст.

Масъалаи мазкур мубрамияти мавзӯъро ба миён овард, зеро он дар назария ва ҳам дар амалияи зинаи томактабӣ роҳҳо, воситаҳо ва усулҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти тасвирӣ мушаххасан ошкор ва мавриди таҳқиқ қарор наёфтаанд.

Ҳадафи таҳқиқотро ошкор намудан ва коркарди илмии асосҳои назариявии шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар асоси барномаи таҳиягардидаи педагогӣ ташкил медиҳад.

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

**Вазифаҳои назаррасе, ки моҳияти асосии илмию амалии диссертатсияро инъикос мекунанд, инҳо мебошанд:**

- дар асоси таҳқиқ ва асоснок намудан ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва рушди эҷодкорӣ, нерӯи эҷодӣ ва дарку эҳсосот дар кӯдакони синни томактабӣ.
- муайян кардани моҳият ва хусусиятҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.
- мавриди таҳлилу такмил қарор додани фаъолияти тасвирӣ- ҳамчун воситаи муҳими инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ва муайян ва мушаххас намудани шароитҳо ва муҳити педагогӣ-психологии барои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.
- ошкор сохтани меъёр ва нишондодҳои босамари инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.
- коркард намудани барномаи педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ ва гузаронидани озмоишҳо

барои муайян намудани инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.

**Падидаи навгонӣ** ва бозёфти илмии рисолаи Пачаева Муҳаё Пулатовна бо он арзёбӣ мегардад, ки он фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии диссертатсия мебошад. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ - озмоишии баргузорнамудаи унвонҷӯ, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст.

Махсусан, дар ташкили фаъолияти тасвирӣ омилҳои асосии педагогии баланд бардоштани фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар самти инкишофи эҷодии кӯдакон ошкор карда шуд:

- муайян ва мушаххас гардид, ки омилҳои асосии педагогиву психологии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ бедор намудани шавқу завқ ва рағбат буда, аз тарафи дигар дастгирӣ ва ҷонибдории калонсолон бо мақсади бартараф кардани ҳолатҳои эмотсионалӣ ва аксуламалҳои онҳо, фароҳам овардани фазои мусоид барои зуҳури эҳсосот ва рафъи ҳолатҳои проблемавӣ мебошанд;
- дар ҷараёни инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ аз роҳандозии барномаи педагогӣ барои мукаммал гардонидани раванди эҷодӣ тадбирҳо андешида шуд;
- инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар асоси корҳои озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо илмӣ исбот карда шуд;
- натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омада фаҳмиши назариявии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвириро вусъат медиҳад;
- дар асоси қиёси меъёр ва нишондодҳои таҳқиқот имконият пайдо гардид, ки ба сатҳи самаранокии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ баҳогузорӣ карда шавад.

Дар идома таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф чунин андешаҳо-баён шудаанд:

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо аз он иборат аст, ки** маводҳои бо роҳи таҳқиқот ва натиҷаи корҳои озмоишӣ бадастомада,

метавонанд то ҳадди имкон ба ҳайси дастуру роҳнамо ва манбаи ҳақиқӣ дар таҳқиқи минбаъдаи малака ва маҳорати эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар санъати мусаввирӣ хидмат намоянд. Методҳои босамари педагогии ташаккули инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти тасвирӣ коркард гардид. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд манбаи боэътимод баҳри баланд бардоштани савияи касбии кормандони муассисаҳои томактабӣ, такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ ва он шахсоне, ки ба корҳои илмӣ машгул мебошанд, гарданд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Диссертант тавонистааст, раванди инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти тасвирӣ бо хулосаҳо, таҳлилҳо ва натиҷаҳо намоён инъикос намояд. Барномаи педагогӣ бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти муассисаҳои томактабӣ, ҳолати имрӯзаи иҷтимоӣ ва таълимӣ таҳия гардидааст. Барномаи педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ то андозае раванди самаранокии машгулиятҳои эҷодии кӯдаконро баланд мебардорад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Қобили зикр аст, ки натиҷаи асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маводҳои Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон маводи конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳо баррасӣ шуда, дар 10 мақола инъикос ёфтааст, ки 4-адади он дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, диаграмма ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи интихобгардида, дараҷаи ҳалли масъалаҳо ва проблемаҳо, мақсад, вазифа ва фарзияи рисола, манбаъҳо ва марҳалаҳои кори таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти

назариявӣ ва амалӣ, асоси методологӣ, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳод гардида нишон дода шудаанд.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар раванди фаъолияти тасвирӣ»** ва проблемаҳои ҷойдошта дар ин самт баён ёфтааст.

Муаллиф дар боби якуми диссертатсия қайд мекунад, ки ташаккули шахсияти эҷодкор яке аз вазифаҳои муҳимтарини назариявӣ ва амалияи педагогӣ дар марҳилаи имрӯза мебошад. Ҳалли ин масъала бояд аз синни томактабӣ оғоз карда шавад. Зеро, дар ин айём шахсияти кӯдак ҳар он чизе, ки мебинад ё мешунавад дар хотираи ӯ то абад нақш мебандад.

Фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ ҳамчун инъикоскунандаи рафторҳо ва амалҳои калонсолон дар тасвирҳои онҳо таҷассум меёбанд. Ва ба ин васила, шахсияти кӯдак низ ташаккул меёбад. Мусаллам аст, ки таҷриба дар асоси фаъолияти ҳаётӣ амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин, фаъолияти тасвирӣ, ки дар намудҳои расмкашӣ, рангу бори он ва суробсозӣ рӯи кор меоянд, ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдак мусоидат мекунанд. Дар ин маврид муҳаққиқ чунин қайд мекунад: ”Ба масъалаи тарбияи тафаккури эҷодӣ тарбияи завқи бадеӣ алоқаи зич дорад. Ҳар қадар саъю кушиши тахаюлӣ-маърифатии кӯдакон зиѐд бошад, ҳамон қадар сифати фаъолияти эҷодӣ баланд мегардад. Раванди тафаккури эҷодӣ ду ҷанбаи эҷодиро ба ҳам мепайвандад: 1) шинохтану донистан ва фаҳмидани ранҷу розҳои олам; 2) раванди офариниши тафаккури нав дар натиҷаи шинохти бадеии воқеият» (саҳ.25).

Барои беҳтар ташкил кардани раванди педагогии фаъолияти тасвирӣ пеш аз ҳама ба зуҳуроти табиии кӯдакон бодиққат будан, барои худшиносии эҷодии онҳо шароит фароҳам оварад, эҳтироми мавқеи кӯдак дар ҳалли масъалаҳои бадеӣ, талаботи кӯдаконро ба дониш, малака ва маҳорат, ки барои эҷоди симои тасаввуршуда заруранд, қонеъ гардонида шаванд. Ба кӯдакон эҳсоси зебоӣ, фаҳмидан ва дарк кардани асарҳои санъат, адабиѐт ва мушоҳида кардани манзараҳои дилфиреби табиатро ѐд додан лозим аст. Дар раванди фаъолияти тасвирӣ маҳорати дастӣ, ҳамоҳангсозии тасвир бо тахайюл ва омода кардани кӯдакон барои ҳусни эҷод зарур аст. Ҳар як машғулияти омӯзишӣ хислати эҷодкорӣ ва ҳар як машғулияти эҷодкорӣ бояд хислати омӯзишӣ дошта бошад. Самаранокии ин раванди маърифатӣ аз маҳорати педагог, ки кӯдаконро ба мустақилият ва эҷодкорӣ водор месозад, вобастагии калон дорад. (саҳ.44)

Фаъолияти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ як фаъолияти бадеӣ ва эҷодие мебошад, ки на танҳо ба инъикоси таассуроти дар ҳаёт гирифташуда, балки ифодаи муносибати онҳо ба тасвиршуда нигаронида шудааст. Фаъолияти тасвирии бошуурона дар синни томактабӣ ташаккул меёбад ва азхудкунии таҷрибаи иҷтимоиро аз ҷониби кӯдак таъмин мекунад. Барои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ педагог ва мураббиён метавонанд, аз шаклҳои гуногуни фаъолияти тасвирӣ ҳангоми машгулиятҳо истифода намоянд.

**Боби дуюми диссертатсия «Роҳу усулҳои муҳайё намудани шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар раванди фаъолияти тасвирӣ»** мебошад, ки дар ин қисмат мо методҳо ва роҳҳои ташаккули инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти тасвирӣ нишон додем.

Муҳаққиқ дар боби дуюми диссертатсия иброз менамояд, ки шарти муҳими рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдаки синни томактабӣ ташкили фаъолияти мақсадноки фарогатии онҳо дар муассисаи томактабӣ ва оила мебошад. Ғанӣ гардонидани тафаккури кӯдакон бо таассуроти гуногун, таъмини таҷрибаи эҳсосӣ ва зеҳнӣ, ки барои ба вуҷуд омадани мавзуъҳо асос шуда, тахайюлро рушд мебахшад, асоси самаранокии фаъолияти тасвирӣ мебошанд.(саҳ.104)

Муаллифи диссертатсия тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит сохтааст, ки ташкили шароитҳои педагогӣ дар фаъолияти тасвирӣ педагог барои ба эҷод ва раванди офариниши образҳои тасвирии кӯдакон равона гардидааст. Дар инмаврид унвонҷӯ қайд менамояд, ки педагог бояд аз усулҳо ва техникаи фаъолияти тасвирӣ бархурдор бошад. Шароитҳои педагогӣ ва равонии ин равандро таъмин месозад, ки дар раванди фаъолияти тасвирӣ кӯдакон донишҳои гуногунро азхуд мекунанд, ақидаҳо дар бораи муҳити атрофу ашѐ мукаммал ва амиқ мегарданд ва тарзи бошуурона истифода бурдани онҳоро меомӯзанд, ки комилан дуруст мебошад. (саҳ.112)

Дар ин замина, Барномаи «Инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» такя ба самтҳои афзалиятноки корҳои таълимию тарбиявӣ, ки ба рушди устуворӣ, диққат, таҳаммулпазирӣ, тафаккур, тахайюл ва маҳорати ҳаракатҳои даст таҳия гардидааст.

Мақсади барнома: фароҳам овардани шароит барои инкишофи эҷодиёти кӯдакони синни томактабӣ, худшиносии эҷодӣ ва рушди

қобилиятҳои бадеӣ мебошад.Мухлати иҷрои барнома барои 1 сол пешбини гардидааст. (саҳ.126)

Натиҷаҳои барномаи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ба рушди иҷтимоӣ-коммуникатсионӣ, маърифатӣ, инкишофи нутқ, бадеӣ ва зебоипарастӣ, тарбияи меҳнатӣ ва ҷисмонӣ, ташаккули арзишҳои меҳнатӣ ва тарзи ҳаёти солим, аз худ намудани меъёрҳо ва қоидаҳои ибтидоии онҳо дар раванди машғулиятҳои тасвирӣ мусоидат мекунанд. (саҳ.129)

Диссертант бо роҳандозӣ ва матраҳ намудани барномаи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ ҷанбаҳои равонии кӯдаконро низ ба инобат гирифтааст. Аз ҷумла, қайд гардидааст, ки аз мушоҳидаҳо чунин бармеомад, ки кӯдакон кӯшиш мекарданд, ки худ ва шахси дигарро ҳамчун намояндаи ҷомеа бишносанд, оҳиста-оҳиста ба дарки робита ва вобастагии рафтори иҷтимоӣ ва муносибатҳои байни одамон шурӯъ мекарданд. Онҳо дар ҳолатҳои муошират на танҳо вожаи хубу бад, неку писандида, балки боодоб, поквиҷдон, ғамхор ва гайраро низ ба кор мебурданд.Яке аз муҳимтарин вазифаҳои рушди эҷодии кӯдакон ин омӯзонидани бошуурона истифода бурдани асосҳои ибтидоии дарки ашѐ ва ба ин васила, ташаккули тафаккури образнок ва қобилияти тартиб додани сохти мазмун мебошад. (саҳ.136)

Инчунин, двр ин боб барои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ усули бозиҳо васеъ истифода шудаанд. Кӯдакон бо шавқу завқи зиёд ба машғулият мепардозанд, агар дар он қисматҳои бозӣ ҷой дошта бошанд. Бозиҳо кӯдаконро руҳбаланд карда, ҳолатҳои равонии онҳоро ба танзим медароранд. Дар байни кӯдакон ташкил кардани бозӣ, мусобиқа ва озмунҳо ба раванди фаъолияти эҷодӣ мусоидат карда, муҳити дӯстона, якдилӣ, якдигарфаҳмӣ ва самимият муҳайѐ месозанд. (саҳ.165)

Хулоса, дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, мухтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда батабърасондаи унвоҷӯй мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

Дар умум, диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ

дар фаъолияти тасвирӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) таҳкикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Мувофиқи мақсад мебуд, агар унвонҷӯ дар рисола таҳлили вазъи кунунии инкишофи фаъолияти эҷодии кӯдаконро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва омодагии касбии мураббиён ба ин равандро ба таври кофӣ баён менамуд. Дар ин бобат унвонҷӯ метавонист фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси бозёфт ва ё ноқисиҳо зимни таҳлили проблемаи таҳқиқшаванда аз нигоҳи нав баён намояд.
2. Ба фикри мо, дар замима пурра ҷой додани “Барномаи педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ” ба мақсад мувофик мебуд, зеро дар рисола шакли ниҳоии он пешниҳод карда нашудааст, ки барои ин гирифтани маълумоти пурра дар бораи он мушкилиро пеш меорад.
3. Дар навгонии таҳқиқот унвонҷӯ овардааст, ки “барои бедор намудани қобилияти эҷодии мусаввирии кӯдакони дабистонҳо метавон аз барномаҳои махсуси телевизионӣ оиди нақшофаринӣ ва тасвир истифода намуд. Тавассути шабакаи кӯдаконаи телевизонии “Баҳористон” шавқу ҳаваси атфоли наврасонро эҳё бояд кард”. Лекин дар рисола ба ин масъала кам таваҷҷӯҳ дода шудааст.
4. Дар саҳифаи 141 рисолаи илмӣ унвонҷӯ чунин овардааст: “Дар гурӯҳи 6-7сола бошад кӯдакон «Моҳии тиллоӣ»- ро то як андоза хуб тасвир мекарданд. Аммо ҳолатҳое низ ҷой дошт, ки кӯдакон ба тасвирҳои ҳамдигар нигоҳ карда мекашиданд. Шумори ками онҳо бо истифода аз тахайюл барои моҳӣ об тасвир мекарданд. Ва гӯё моҳӣ дар об шино дорад. Дар интихоби ранги моҳӣ ҳам онҳо на он қадар мушкилӣ мекашиданд”. Хуб мешуд, муаллиф намунаи ин ва ё якчанд кори кӯдаконро дар замимаи рисола пешниҳод менамуд.
5. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва мантиқӣ дида мешаванд.

Вале метавон гуфт, ки камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовнаро дар миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуда, ба микдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Пачаева Муҳаё Пулатовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагоги аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори
кафедраи методикаи таълими фан
дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ
ва миёнаи умумии филиали
"Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили
ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф" дар шаҳри Душанбе Қурбонова Г.А.

18.09.2024

Суроға: 734000, ш. Душанбе, гузаргоҳи 1, кӯчаи М. Турсунзода 8а.
Тел: 915272221

Имзои Қурбонова Г.А.-ро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳои ФМДДҶТИБКСМ Абдулоева М.